ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 04.11.2026 **ш. Душанбе**

Суханронии Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»,** суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи медиатехнология ва амнияти иттилоотии факултети журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» – **Афсаҳзод Аббоси Аълохон**, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ – **Саидмурод Хоҷазод,** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон – **Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода,** муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Муқимов Муҳамадӣ Аминович, Муродӣ Мурод Бердӣ, Бозорзода Нуриддин Шодипур, Хасанова Тахмина Гаюровна, Солиҳов Нуралӣ Назарович, Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалиро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Раҳимҷон Хушдил

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Раҳимҷон Хушдил дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ ба Раҳимҷон Хушдил аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Имомзода М.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш.

04.11.2026.